ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Саидзода Рамазон Абдураҳим дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст.

Мубрамии мавзуи тадқиқи диссертатсионӣ. Лӯбиёро асосан бо мақсади озуқа парвариш мекунанд, вале боқимондаҳои он баъд аз тоза кардан, пахолу пешкоҳаш аз сабаби баланди хӯрока, миқдори зиёди сафеда доштанаш аз дигар хӯрокиҳо ба куллӣ фарқ мекунад ва хӯроки беҳтарини чорво ба ҳисоб меравад.

Дар хок нитрогени биологӣ боқӣ мемонад ва пешинакишти хуб барои аксарияти зироатҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дар дону лӯбиё вобаста ба навъ ва макони парвариш 25-35% сафеда, аминокислотаҳо ва витаминҳо мавҷуд аст, ки таомро болаззат мекунад ва ҷисми инсон онҳоро зуд аз худ карда бо осонӣ ҳал менамояд.

Аз ин ҷиҳат ҳатто аз дигар зироатҳои лӯбиёгӣ дар сафи пеш меистад. Барои аҳолии ҷумҳурӣ дони лӯбиё хӯрокаи дӯстдоштатарин мебошад. Лӯбиё аҳаммияти табобатӣ низ дорад ва онро барои тайёр кардани таомҳои парҳезӣ ҳангоми муолиҷаи касалиҳои талхадон, ҷигар ва барои беҳтар кардани фаъолияти узвҳои нафаскашӣ ва ҳазми хӯрок истифода мебаранд.

Дар шароити ҷумҳурӣ, дар мавриди имкониятҳои маҳдуди минбаъд васеъ намудани заминҳои обёришаванда дар истеҳсоли зироатҳои лӯбиёгӣ, ҳангоми оқилона ва маҳсулнок истифода бурдани заминҳои наздиҳавлигӣ ва дар хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ метавонад мушкилоти самти номбурдашударо ҳал намояд.

Саидзода Рамазон Абдураҳим соли 2007 ба шуъбаи рӯзонаи факултети химия-биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ дохил шуда, онро бо ихтисоси химик-биолог хатм намуд. Фаъолияти кориро аз мактаби миёнаи умумии №5-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба ҳайси коромӯз оғоз намудааст. Аз 11.05.2017 таҳти фармоиши №53/хш дар Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб корро оғоз намудааст. Айни ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи биотехнология ва коркарди растаниҳои шифобахши Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб фаъолият менамояд.

Кори диссертатсионии Саидзода Рамазон Абдураҳим дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2.

Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ муқаддима, 5 боб, 14 параграф, хулоса, тавсияҳо барои истеҳсолот, рӯйхати адабиёти истифодашуда 151 номгӯй дар маҷмуъ 150 саҳифаи матни компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум «Шарҳи адабиёт», ки аз 3 зербоб иборат аст бо истифода аз мутолиа ва таҳлили 151 номгӯйи адабиёт оид ба таърихи парвариш, аҳаммияти он дар хоҷагии халқ, таъсири усулҳои агротехникӣ ба рушду нумуъ ва маҳсулнокии лӯбиё маълумот пешниҳод карда шудааст. Дар асоси таҳлили адабиёт таҳқиқотҳои олимон нишон дод, ки маҳсулнокии лӯбиё дар мамлакату минтақаҳо гуногун буда, бисёртар он аз омилҳои экологӣ, иқлимӣ, агротехникӣ, тадбирҳои ташкилӣ ва ғайра вобастагӣ дорад.

Хулоса, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки ақидаи олимон бо ҳам мувофиқ меоянд. Доир ба масъалаи технологияи парвариши лӯбиё маълумотҳои мухталиф вуҷуд надоранд. Аз шарҳи адабиёт маълум мегардад, ки доир ба масъалаи маҳсулнокии навъҳои гуногуни лӯбиё, таъсири муҳлати кишт, зичии ниҳолҳои лӯбиё ва истифодаи нуриҳои минералӣ дар шароити заминҳои обии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ маълумот вуҷуд надорад. Бинобар ин, мақсади таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Саидзода Рамазон Абдураҳим аз таҳқиқу омӯзиш ва илман асоснок намудани технологияи парвариши лӯбиё иборат аст.

Дар боби дуюм «Шароит, методика ва макони гузаронидани таҳқиқот», ки аз 3 зербоб иборат аст оид ба тавсифи шароити иқлим ва хоки минтақаи таҳқиқот, объект ва усулҳои таҳқиқот маълумот дода шудааст. Бо истифода аз маълумотҳои иқлимӣ (ҳарорати ҳаво ва боришот) аз пойгоҳи обуҳавосанҷии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар солҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян карда шудааст, ки ҳарорати ҳаво ва боришоти атмосферӣ тағйирёбанда буда, аз 524 то 629 миллиметрро ташкил дода буд, ки дар давоми сол нобаробар тақсим карда мешавад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки минтақа аз боришот таъмин мебошад.

Ҳамзамон, тавсифи хоки минтақаи таҳқиқот, яъне хокҳои хокистарранги муқаррарӣ маълумот дода шуда, бо гузаронидани ташхиси агрохимиявии намунаҳои хок муайян намудааст, ки хоки қитъаи таҷрибавӣ аз моддаҳои ғизоӣ аз ҷумла гумус, нитрогени маъданӣ ва калийи ивазшаванда таъминнокии миёнаро дошта, миқдори фосфори фаъол бошад таъминнокии пастро дорад.

Таҷрибаҳои саҳроӣ дар заминҳои обии хоҷагии деҳқонии «Мадинаи Ҳақназар»-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз рӯйи нақшаҳои зерин гузошта шуд.

Таҷрибаи 1. Интихоби навъҳои нави лӯбиё:

- Лӯбиёи маҳаллӣ;
- Томатная;
- Боксер;
- Горох;
- Лопатка белая;
- Сазарный;
- Юбка;
- Рябой;
- Красная скороспелка.

Таҷрибаи 2. Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ:

- назоратӣ (бе истифодаи нурӣ);
- $P_{60}K_{60}$ (асос);
- $N_{30}P_{60}K_{60}$;
- $N_{60}P_{60}K_{60}$.

Таҷрибаи 3. Муқаррар намудани муҳлати кишт:

- 10-12 апррел;
- 20-22 апрел;
- 1-2 май.

Таҷрибаи 4. Муайян намудани зичии ниҳолҳо:

- 200 ҳаз/га;
- 300 ҳаз/га;
- 400 ҳаз/га.

Агротехникаи парвариш ва гузаронидани мушоҳидаҳои фенологию биометрӣ тибқи усулҳо ё методҳои умумиэътирофгардида гузаронида шудааст.

Дар боби сеюм «Сабзиш, инкишоф ва маҳсулнокии навъҳои гуногуни лӯбиё дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон», ки аз 1 зербоб иборат аст оид ба нашъунамо,давомнокии давраи нашъунамои мухталифи лӯбиё, давомнокии фосилаи байни давраҳои инкишофи навъҳои гуногуни лӯбиё, шумораи ғилофак дар як растании лӯбиё, вазни дони навъҳои лӯбиё, вазни 1000 дона ва ҳосилнокии навъҳои гуногуни лӯбиё ба даст овардаи таҳқиқот маълумот дода шудааст.

Муайян намудааст, ки дар шароити заминҳои обии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳангоми парвариши навъҳои гуногуни лӯбиё, вобаста ба хусусиятҳои ирсиашон давомнокии давраи нашъунамо фарқиятҳои куллиро доро мебошанд.

Муқаррар кардааст, ки давраи пурраи нашъунамои навъҳои гуногуни лӯбиё 85-103рӯзро фаро мегиранд. Нишондоди баландтарини давраи нашъунамо дар навъҳои «Сахарный» (98 рӯз), «Горох» (102 рӯз), «Маҳаллӣ» (101 рӯз) ба қайд гирифта шудааст.

Муқаррар кардааст, ки шумораи ғилофакҳо вобаста ба навъҳо тағйир меёбанд ва ба ҳисоби миёна аз 10 то 19,7 донаро дар як растанӣ ташкил намудааст.

Шумораи ғилофакҳо дар навъҳои «Скороспелка», «Сахарный» ва «Лопатка» мутаносибан 19,7, 19,0 ва 18,0 донаро ташкил намуд.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои бадастовардашуда, муаллиф муайян кардааст, ки дар доираи навъҳои таҳқиқшаванда ҳосилнокии лӯбиё аз 1,47 то 3,54 т/га тағйир меёбад.

Навъҳои «Лопатка», «Сахарний» ва «Юбка» мутаносибан 3,54; 3,44; 2,29 ва 3,08 т/га-ро ташкил намудаанд.

Муайян карда шудааст, ки баъди ғунучини ҳосили дони лӯбиё вобаста ба навъҳои санҷидашуда аз 3,49 то 9,5 т/га беда ҷамъ оварда шудааст. Нишондодҳои баландтарин дар навъҳои «Лопатка», «Сахарный», «Юбка» ва «Скороспелка» ба қайд гирифта шудааст.

Дар боби чорум «Таъсири муҳлатҳои кишт ба сабзиш, инкишоф ва маҳсулнокии навъҳои мухталифи лӯбиё дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб», ки аз 7 зербоб иборат аст, оид ба таъсири муҳлати кишт, зичии ниҳолҳо, нуриҳои минералӣ ба сабзиш, инкишоф ва маҳсулнокии навъҳои мухталифи лӯбиё, самаранокии иқтисодии парвариш ва дурнамои рушди парвариши лӯбиё ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот маълумот оварда шудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои ба даст овардашуда муаллиф муқаррар намудааст, ки таъсири муҳлатҳои кишт аз давраи пайдошавии ниҳолҳо ба мушоҳида мерасад. Ин тафовут дар доираи муҳлатҳои кишт мутаносибан нисбати якдигар аз 2 то 5 рӯз фарқият дорад. Вобаста ба дер гузаронидани кишт суръати пайдошавии ниҳолҳо меафзояд.

Дар муҳлати 10-12 апрел ниҳолҳо пас аз кишт вобаста ба солҳо дар 12-13 рӯз пайдо шуданд. Дар муҳлатҳои 20.04-21.04 ва 1,05-2.05 ниҳолҳо мутаносибан дар рӯзҳои 9-10 ва 8 пайдо шуданд.

Натиҷаи таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки баландии пояи лӯбиё навъи «Скороспелка» вобаста ба муҳлати кишт 15,4-20,5 см-ро ташкил намуд. Сабзишу инкишоф ва ғуншавии анбуҳи сабзи лӯбиё ба муҳлатҳои гуногуни кишт зич алоқаманд аст. Нишондоди баландтарини ғуншавии анбуҳи баргу пояи лӯбиё дар 10.07 ба қайд гирифта шудааст. Дар ин давра вобаста ба муҳлати кишт массаи як растанӣ 280,5-310,3 г-ро ташкил намуд. Нишондодҳои аз ҳама баланди ҳосили дони лӯбиё дар муҳлати кишти 20-22

апрел дар навъҳои «Боксёр»-2,39 т/га, «Томатная»-2,26 т/га, «Горох»-2,48 т/га ва «Лопатка»-2,26 т/га ба қайд гирифта шудааст.

Муқаррар намудааст, ки зичии ниҳолҳо бо мурури зиёдшавии ниҳолҳо аз 200-400 ҳазор дар 1 гектар шумораи ғилофакҳои лӯбиё дар 1 растанӣ кам мешавад. Дар навъи «Боксёр» дар зичии ниҳолҳо 200,300 ва 400 ҳаз/га растанӣ, шумораи ғилофакҳо мутаносибан 7,3; 6,2 ва 5,8 ададро ташкил намуд. Шумораи зиёди ғилофакҳо дар навъҳои «Горох» 11,7; «Юбка» 11,7; «Томатная» 10,7 адад баробаранд. Шумораи камтарини ғилофакҳо дар 1 растанӣ 7,3 адад дар навъҳои «Боксёр» ва «Лопатка» ба қайд гирифта шудааст. Ҳосили нисбатан зиёди дони лӯбиё дар зичии ниҳолҳо 300 ҳаз/га дар навъҳои «Боксёр» 2,73 т/га, «Лопатка» 2,72 т/га ва «Скороспелка» 2,75 мушоҳида шудааст. Ҳамин тариқ, тавсия карда шудааст, ки барои гирифтани ҳосили баланди навъҳои гуногуни лӯбиё 300 ҳаз/растанӣ дар 1 гектар кишт карда шавад.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои ба даст оварда шуда муаллиф муайян кардааст, ки барои гирифтани ҳосили баланди дон ва анбуҳи сабзи лӯбиё истифодаи нуриҳои минералӣ бо меъёрҳои $N_{30}P_{60}K_{60}$ кг/га дар шароити заминҳои обии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ самараи хуб медиҳад.

Натиҷаи таҳқиқотҳои муаллиф оид ба унсурҳои фаъолияти синтетикӣ нишон дода аст, ки лӯбиё бо бузургии нисбатан зиёди масоҳати сатҳи баргҳо ноил гашта, нишондодҳои баланди маҳсулнокии тозаи фотосинтез, потенсиали фотосинтетикиро доро мебошад.

Баҳодиҳии иқтисодии чорабиниҳои агротехникӣ аз самараи баланди навъҳои гуногуни лӯбиё, муҳлат ва зичии ниҳолҳои лӯбиё шаҳодат медиҳанд. Ҳосили иловагии гирифташуда на танҳо ҳамаи хароҷотҳои истеҳсолиро пурра мепӯшанд, балки гирифтани даромади тозаи баландтаринро таъмин менамояд. Хароҷотҳо барои истеҳсоли лӯбиё барои 1 гектар замини корам вобаста ба муҳлати кишт 20160-20952 сомониро ташкил намудааст.

Нишондодҳои баландтарини иқтисодӣ дар навъҳои «Боксёр», «Томатная», «Горох» ва «Лопатка» ба қайд гирифта шудааст.

Вобаста ба навъҳо нишондоди ҳадди ақали арзиши 1 с маҳсулот 952,4; 876,6; 844,8 ва 927,0 сомонӣ ва даромади соф аз 1 га 12048, 14898, 16248 ва 12948 сомониро дар муҳлати кишти 20-22 апрел ташкил намудааст.

Дар боби панҷум «Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот» натиҷаҳои бадастовардашудаи таҳқиқот пурра баррасӣ карда шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-амалӣ ва методию таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии

нашргардида ва баромадҳои Саидзода Рамазон Абдураҳим дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Саидзода Рамазон Абдураҳим дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2 Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ба талаботи тартибдодани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2 Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ барои ҳимояи такрорӣ пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи зироаткорӣ ва истеҳсоли хӯроки чорвои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур **Норов М.С.**

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон.
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146
телефон: (+992) 919-46-95-46
E-mail: nmastibek@mail.ru

Имзои Норов М.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

«10» 06 соли 2026